ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон». –Хуҷанд, 2026. – 351 с.

Дар даврони истиқлоли миллӣ заминаҳои таҳаввули низоми таҳсилот аз роҳу шеваҳои мухталиф фароҳам омада, зарурати таҷдиди назар ба барномаҳои таълим ва стандартҳои давлатӣ пеш омад. Ин таҷаддуд, пеш аз ҳама, бар он пайванд мегирад, ки дар низоми таҳсилот зарурати таҷдиди назар ба мазмуну муҳтавои фанҳои таълимӣ бо такя бар эҷоди дигаргуниву тағйирот ба маҳорату истеъдоди хонандагон ва ташаккули маърифати бадеии онҳо пеш омадааст. Аз ин рӯ, дар раванди таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик нуктаи меҳварӣ ташаккули нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон ба шумор меравад, ки барои расидан ба ин ҳадаф вуруди дигаргуниҳо ба мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ, маводи таълим ва таҷдид ба раванди таълим зарур шуморида шуд. Бар ин асос, аз солҳои 90-уми қарни гузашта аз ҷониби забоншиносону адабиётпажуҳони кишвар матолиби назарие роҷеъ ба эҷоди чунин дигаргуниҳо бар асоси андешаҳо роҷеъ ба маводи таълим, китобҳои дарсӣ, хрестоматияҳо оид ба санъати суханварӣ ва фарҳанги нутқ ба қалам омад, ки ин ҷо аз М.Шакурӣ, Н.Маъсумӣ, Т.Зеҳнӣ, Р.Ғаффоров, А. Маниёзов, Ш. Рустамов, Ғ. Ҷӯраев, Ӯ. Холиқназар, Б. Камолиддинов, А. Сатторзода, М. Лутфуллоев, М. Файзов, Ҳ. Рауфов, А. Абдуқодиров, С. Неъматов, Т. Ваҳҳобов, А. Ҳасанзода ва дигарон метавон ном бурд.

Ҳарчанд роҷеъ ба масъалаҳои куллии ташаккули санъати сухан ва маҳорати суханварӣ ва роҳҳои ташаккули он дар дидгоҳҳои муҳаққиқони мазкур

мулоҳизаҳои судманд баён шудааст, вале аз мутолиаи ин таҳқиқот равшан мегардад, ки роҷеъ ба нақши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии забони тоҷикӣ дар ташаккули нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон таваҷҷуҳи қобили мулоҳизае ба мушоҳида намерасад. Аз ин рӯ, диссертатсия Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» аз ҷумлаи аввалин таҳқиқот дар ин замина ба шумор меравад, ки дар асоси ба кор гирифтани мавод ва равишҳои тозаи таҳқиқӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба қалам омадааст.

Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки дар методикаи таълими забони тоҷикӣ масъалаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ аксаран ба таври ҷузъӣ ва пароканда баррасӣ гардидааст. Дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ чунин воҳидҳо бештар ҳамчун маводи иловагӣ, мисол ё воситаи ороиши матн истифода мешаванд, вале низоми махсуси таълим, марҳилаҳои омӯзиш, усулҳои самаранок, машқҳои мақсаднок ва меъёрҳои арзёбии азхудкунии онҳо ба таври кофӣ коркард нашудаанд. Таҳқиқи диссертант маҳз ба пур кардани ҳамин холигии илмӣ-методӣ равона гардидааст.

Дар таҳқиқот ду самти муҳим бо ҳам пайваст шудаанд: якум, омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми забон ва фарҳанг; дуюм, истифодаи онҳо ҳамчун воситаи рушди фарҳанги нутқи хонандагон. Чунин равиш ба таҳқиқот хусусияти байнисоҳавӣ пайдо мекунад, зеро он ба забоншиносӣ (фразеология, паремиология), лингводидактика, методикаи таълим, педагогика ва фарҳангшиносӣ иртибот дорад. Рушди фарҳанги нутқ бе ғанӣ гардонидани нутқи хонандагон бо воҳидҳои пурмаъно, образнок, муассир ва таърихию фарҳангӣ имконнопазир аст. Хонандае, ки мақолҳоро дуруст мефаҳмад, ибораҳои фразеологиро дар мавқеъ истифода мебарад, маънои маҷозӣ ва образноки суханро дарк мекунад, нутқаш табиӣ,

пуртаъсир ва маданӣ мегардад. Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи амалии мактаб ва вазифаҳои стратегии таълими забони тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар чанд самт зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, муаллиф масъалаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дар иртибот бо рушди фарҳанги нутқ ҳамчун масъалаи мустақили илмӣ-методӣ баррасӣ кардааст. Ин масъала дар таҳқиқоти қаблӣ бештар ё аз нуқтаи назари забоншиносӣ ва ё ҳамчун ҷузъи омӯзиши луғат баррасӣ мешуд. Дар диссертатсияи мазкур он ба низоми таълим, фаъолияти омӯзгор, фаъолияти хонанда, машқҳои таълимӣ, натиҷаҳои салоҳият ва рушди нутқ пайваст карда шудааст. Дуюм, дар таҳқиқот асосҳои илмӣ-назарии таълими ин воҳидҳо муайян гардида, мавқеи онҳо дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон равшан карда шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки мақол, зарбулмасал ва ибораҳои фразеологӣ воситаи ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ташаккули нутқи образнок, таълими маънои маҷозӣ, рушди тафаккури таҳлилӣ ва тарбияи ахлоқӣ мебошанд. Сеюм, дар диссертатсия низоми машқҳо ва супоришҳо барои омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ пешниҳод шудааст. Машқҳое, ки ба дарёфт, шарҳ, муқоиса, гурӯҳбандӣ, истифода дар ҷумла, сохтани матн, таҳлили маъно, муайян кардани мавқеи услубӣ ва истифодаи эҷодии ин воҳидҳои забон равона шудаанд, барои амалияи таълими забони тоҷикӣ муфид мебошанд. Чорум, диссертант меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди фарҳанги нутқи хонандагонро дар заминаи омӯзиши воҳидҳои мазкур муайян кардааст. Ин кор ба арзёбии натиҷаҳои таълим мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки самаранокии усулҳои пешниҳодшуда дар таҷрибаи педагогӣ санҷида шавад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он асосҳои илмии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар мактаб муайян гардида, робитаи онҳо бо рушди фарҳанги нутқ аз нуқтаи назари педагогӣ ва методӣ асоснок карда шудааст. Таҳқиқот барои такмили назарияи методикаи

таълими забони тоҷикӣ, бахусус, бахшҳои марбут ба таълими луғат, фразеология, нутқи мураттаб, фарҳанги нутқ ва таълими матн аҳаммияти назаррас дорад. Дар рисола мафҳумҳои асосӣ — «воҳидҳои паремиологӣ», «воҳидҳои фразеологӣ», «фарҳанги нутқ», «салоҳияти забонӣ», «салоҳияти коммуникативӣ», «нутқи мураттаб», «тафаккури образнок», «маводи таълимӣ», «низоми машқҳо» ба таври илмӣ шарҳ ёфтаанд. Муаллиф мекӯшад, ки робитаи ин мафҳумҳоро муайян намояд ва нишон диҳад, ки фарҳанги нутқ танҳо ба дурустии грамматикӣ маҳдуд намешавад, балки равонӣ, фасоҳат, муассирӣ, таносуби услубӣ, риояи ахлоқи муошират ва ҳусни баёнро низ дар бар мегирад. Диссертант воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро дар раванди таълим ҳамчун захираи муҳимми рушди нутқи хонандагон таҳлил намуда, барои истифодаи онҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ асосҳои назариявӣ ва роҳҳои методӣ пешниҳод кардааст. Чунин равиш барои методикаи таълими забони тоҷикӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад, зеро он мазмуни дарсро бо фарҳанги миллӣ, ахлоқ, забони зиндаи мардум ва таҷрибаи иртиботии хонандагон мепайвандад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, маҷмӯаи машқҳо, маводи ёрирасон барои омӯзгорон, корҳои мустақилонаи хонандагон ва машғулиятҳои иловагӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои диссертант барои омӯзгорони забони тоҷикӣ, муаллифони китобҳои дарсӣ, методистҳо, донишҷӯёни ихтисосҳои филологӣ ва муҳаққиқони соҳаи методикаи таълим муфид мебошанд.

Диссертатсия ҳамчунин аз ҷиҳати тарбиявӣ арзиши махсус дорад, зеро мақолу зарбулмасалҳо ва ибораҳои рехта дар баробари хусусияти забонӣ мазмуни ахлоқӣ ва фарҳангӣ доранд. Онҳо хонандаро ба ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми калонсолон, дӯстӣ, инсоф, хоксорӣ, худшиносӣ ва масъулиятшиносӣ ҳидоят мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи онҳо дар

дарсҳои забони тоҷикӣ метавонад ба ягонагии таълим ва тарбия мусоидат намояд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо асосҳои назариявӣ, истифодаи сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили маводи таълимӣ, такя ба таҷрибаи педагогӣ, истифодаи усулҳои гуногуни таҳқиқ ва мувофиқати хулосаҳо бо мақсад ва вазифаҳои кор таъмин гардидааст. Диссертант масъалаи мавриди таҳқиқро, аз як ҷониб, аз нуқтаи назари илмӣ ва, аз ҷониби дигар, аз нуқтаи назари амалияи мактаб баррасӣ кардааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат мекунад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии бардоштҳои назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян карда шудааст.

Қисмати асосии таҳқиқот. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати сарчашмаҳо ва осори илмии тақиқӣ ва инишороти илмии унвончӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ, дар навбати худ, ҳар боб ба фаслҳо тасниф карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани сарчашмаҳо, муҳокимаю баҳси илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия (с.5-16) мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи пажуҳиши он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳ ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ»** (с. 17-99) ном дошта, фарогири чаҳор фасл аст ва дар он докторант асосҳои назариявии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро таҳлил карда, мафҳум, хусусият, вазифа ва навъҳои ин воҳидҳоро шарҳ дода, онҳоро ҳамчун сарвати маънавии забон арзёбӣ кардааст. Таъкид шудааст, ки паремиология бо ҳикмат, таҷрибаи мардумӣ ва панду андарз иртибот дорад, дар ҳоле ки фразеология бештар ба ибораҳои устувор, маънои маҷозӣ ва таъсирнокии нутқ алоқаманд мебошад. Шинохти ин тафовут барои таълим муҳим аст, зеро методикаи омӯзиши зарбулмасалу мақол бо методикаи омӯзиши ибораҳои фразеологӣ комилан яксон буда наметавонад.

Дар ин боб аҳаммияти омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ (зарбулмасал, мақол, ҳикмат, андарз) ва фразеологиро дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик барои ташаккули шахсияти сухандон ва соҳибзабон шарҳ дода шудааст. Қайд мегардад, ки тавассути омӯзиши ин воҳидҳои забон таъсирбахшии гуфтор, ҳусни баён ва изҳори матлаб дар шаклу мазмуни баланд таъмин ва ин раванд ба рушди салоҳияти иртиботии хонандагон, ташаккули маҳорат ва малакаи гуфтор ва навиштор, тафаккури интиқодӣ, таҳлиливу эҷодӣ, дарки таҷрибаи рӯзгор ва ғояҳои фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад. Фарҳанги нутқ на танҳо ҳусни баён, мантиқи калом, одоби муошират, балки риояи дастурҳои грамматикӣ, интихоби дурусти вожаву ибораҳо, услуби нутқ ва амсоли онро тақозо дорад. Масъалаи забони адабӣ чун меъёри асосии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ва инкишофи тадриҷии ду шохаи муҳим: забони гуфторӣ ва хаттӣ, таъсири мутақобилаи онҳо, муносибати забони адабии ҳозира бо забони адабиёти классикӣ ва бо лаҳҷаю шеваҳои маҳаллӣ, дигаргуниҳои адабӣ ва тағйироти шохаҳои услубии забони адабӣ бар асари ин омилҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлилҳо дар боби мазкур қобили таваҷҷуҳ буда, дар онҳо мубоҳиса ва натиҷагирӣ аз афкору андешаҳои олимони соҳа эҳсос мегардад, ки ҷолиби диққат мебошад.

Боби дуюм **«Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои фразеологӣ ва паремиологӣ»** (с.95-131) ном дошта, се фаслро фаро мегирад. Диссертант дар ин фаслҳо ба вижагиҳои таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ки донистани маънову сохтори воҳидҳои луғавӣ ва ифодаҳои тайёр набуда, балки ба хонанда имкон медиҳад, то дар муошират вобаста ба вазъият тарзи дурусти баёни фикрро омӯзад, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Хонанда дар ҷараёни омӯзиши онҳо на танҳо маънои луғавӣ ва маҷозиро мефаҳмад, балки тарзи истифодаи сухани образнок, таъсирбахш ва мувофиқро низ аз худ мекунад. Муносибати босалоҳияти таълим, маърифати дурусти осори адабӣ ва таъмини балоғати калом ба ҳамдигар иртиботи қавӣ дорад. Бино бар он, ташаккули салоҳиятҳои зерин: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн ва таҳияи мустақилонаи матн, ки идроки осори адабӣ дар сурати саҳеҳу дуруст будани матн ҳосил мешавад, дар ҷараёни таълим муҳим арзёбӣ гаштааст. Муаллифи рисола дар китобҳои дарсӣ ғалатҳои зиёдеро дар шаклу мазмуни воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол, абёти ҳикамӣ ва шарту супориши машқҳои марбут ба онҳоро ба мушоҳида гирифта, тарзи дурусти зикри воҳидҳои забонро аз рӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ пешниҳод кардааст.

Боби сеюм бо номи **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** (с.137-220) шомили се фасл буда, мавқеи паремия ва фразеология дар маводи хониш ва усули омӯзиши он ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Шаш навъи машқ, ки барои дарки маънои воҳидҳои фразеологӣ аз матнҳои гуногун, малакаи интихоби дуруст вобаста ба вазъият ва корбурди мавридшиносонаи ин воҳидҳои забон имкон фароҳам меоранд, пешниҳод гаштааст. Бино бар таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам роҳҳои зерини таълими зарбулмасалу мақолҳо ба мақсад мувофиқ дониста шудааст: а) мутолиаи асарҳои адабӣ ва аз матн ҷудо кардан; б) ташкили баҳсу мунозира, ки дар раванди

мубоҳиса барои тақвияти фикр чун асосу далел оварда мешавад; в) фаъолияти мустақили эҷодӣ, навиштани иншо, нақли хаттӣ, эссе ё ҳикояҳои кӯтоҳ; шарҳу тафсири маъно ва асоснокии мавриди истифодаи онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Муаллиф ба масъалаи интихоби мавод, роҳу усули омӯзиш, коркарди машқу супоришҳо, таҳлили матн, таҳияи корҳои эҷодӣ, фаъолияти гурӯҳӣ ва рушди нутқи мустақилонаи хонандагон диққати махсус додааст.

Боби чаҳорум **«Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** (с.221-269) ном дорад. Таҳлили мазмуну муҳтаво ва ғояву сохтори ин воҳидҳои забон барои ташаккули маърифати забондонӣ, фарҳанги нутқ, рушди тафаккури таҳлилӣ ва ҳалли масъалаҳо дар зиндагӣ хеле муфид ва пуразиш дониста шудааст. Аз хусуси интихоби намунаҳо аз эҷодиёти шифоҳӣ ва асарҳои адибон, ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои тарбиявӣ, мазмуну муҳтавои машқу супоришҳо ва коркарди паремия ва фразеология дар китобҳои дарсӣ изҳори назар гаштааст.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби диссертант коркарди усули хоси таҳлили маъно, ислоҳи ғалатҳои воҳидҳои фразеологӣ, баёни мазмуни ҳикматҳо ва эҷоди корҳои хаттӣ, низоми махсуси машқҳо: муҳокимаи хатоҳои умумӣ вобаста ба сохтор, истифодаи нодуруст, риоя нагардидани ягонагии услубии матн, саҳеҳ набудани мантиқ; мусоҳиба бо суханварон, таҳияи саволнома барои нависанда ё шоир; ба дигар даврaҳои вақт интиқол додани персонажҳо; нақли тафсилӣ (тафсилоти чеҳра, манзара, вазъи моддӣ, фарҳанги нутқ ва сатҳи ҷаҳонбинии қаҳрамон); таҳияи китоб (барои як воҳиди фразеологӣ чанд муродиф ёфтан); ба қаҳрамонони асари бадеӣ мактуб навиштан; тавсифи таассуроти рӯзи гузашта; таҳияи ҳикояи дастаҷамъона ва монанди инҳо бо истифодаи зарбулмасалу мақол, панду андарз ва воҳиди фразеологӣ пешниҳод шудааст.

Боби панҷум **«Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремологӣ ва фразеологӣ»** ном дошта (с.270-307), дар ду фасл натиҷаҳо ва самаранокии низоми методӣ ва амсилаи таҳияшуда таҳлил

шудааст. Дар чунин таҳқиқот қисми таҷрибавӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, зеро ҳар як пешниҳоди методӣ бояд дар амал санҷида шавад. Муаллиф бо таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки истифодаи мақсадноки воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ба рушди нутқи хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Таҷрибаҳои амалии гузаронишуда бар пояи татбиқи истифодаи ин воҳидҳои забон дар ҷараёни ташаккули нутқи хонандагон самараҳои матлуб ба бор овардаанд. Хонандагон баъд аз татбиқи низоми пешниҳодшуда беҳтар метавонанд маънои ибораҳоро шарҳ диҳанд, онҳоро дар нутқ истифода баранд, фикри худро образноктар баён кунанд ва матнҳои хаттии пурмазмун эҷод намоянд.

Умуман, бобу фаслҳои диссертатсия дар асоси муқаррароти танзим ва таълифи диссертатсияҳо ҷобаҷогузорӣ шудаанд, ки аз муҳассаноти зиёде бархурдоранд. Дар ҳошияи ҳар фаслу боб муҳимтарин нуктаҳои марбут ба ҷанбаҳои назарӣ ва амалии онҳо баён гардида, бо мақсади инъикоси равшани матлаб овардани ҷадвалу диаграммаҳоро зарур шуморидааст.

Хулосаи диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмиву методии муаллиф буда, дар 13 банди назарӣ ва 11 банди тавсияи амалӣ ифода ёфтаанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ (с.349-357). Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 64 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Теъдоди маводи интишорнамудаи диссертант ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Эродҳо ба диссертатсия. Дар баробари дастовардҳои назарраси илмиву амалӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ба хотири пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи диссертант зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Маълум аст, ки диссертатсия бо назардошти мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ ба қалам омадааст ва дар бисёр мавридҳо диссертант андешаҳои судманд баён доштааст. Ба назари мо хуб мебуд, ки шарҳи дурусти матлабҳо дар робита ба иштибоҳоти китобҳои дарсӣ ба омӯзгорон тавсия карда шавад.
2. Нақши озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" чун яке аз воситаҳои муҳимми таъсиргузор ба ташаккули нутқи хонандагон, мавқеи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар он таҳлилу баррасӣ бояд шавад, ки дар диссертатсия ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ зоҳир гаштааст.
3. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 6, 7, 33, 156, 213-и диссертатсия роҳ ёфтааст.

Қисмати хотимавии тақриз. Диссертатсия бо равиши илмӣ таълиф шуда, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Диссертатсияи доктории Солеҳзода Ш.С. кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 5.3. Педагогика. 5.3.53. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳо таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ҷавобгӯйи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Хулоса, диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода	**Қосимов Олимҷон Ҳабибович**

Суроға: 734019, ш.Душанбе, н. Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. **Тел.**: (+992-37) 232-50-00. **E-mail**: ddzt@ddzt.tj

«**Имзои** доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибовичро **тасдиқ менамоям**»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Сиҷоатова М.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, ш.Душанбе, н. Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. **Тел.**: (+992-37) 232-50-00. **E-mail**: ddzt@ddzt.tj

Сомонаи муассиса: www.dbz.tj

E-mail: ddzt@ddzt.tj

Тел: (+992-37) 232-50-00

«04» 11. 2026